## ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи "Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05-Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ)

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи "Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик" дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро шудааст. Диссертатсия ба бандҳои шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05-Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) аз ҷумла, ба банди 1 – Методологияи таҳқиқоти педагогӣ: истифодаи усулҳои таҳлили назариявӣ, мушоҳида, озмоиш, саволнома ва таҳлили эмпирикӣ, ки ба асоснокии илмии таҳқиқот; Банди 6 – Консепсияи таҳсилот: татбиқи равандҳои инноватсионӣ ва технологияҳои интерактивӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик, арзёбии салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ. Банди 7 – Педагогикаи амалӣ: баргузории озмоишҳои таҷрибавӣ дар муассисаҳои таълимӣ, таҳлили таҷрибаи амалии омӯзгорон ва пешниҳод намудани тавсияҳои методӣ мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи "Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни

таърихи халқи тоҷик” ба яке аз мавзуъҳои мубрами педагогикаи муосир – таҳқиқи масъалаи ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик бахшида шудааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар марҳилаи кунунии вазъи иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа вазифаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои болоии мактаби миёна – ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосии таълими таърих на танҳо масъалаи педагогӣ, балки масъалаи стратегӣ дар тарбияи насли соҳибтафаккур ва масъулиятшинос мебошад. Зеро коҳишёбии баъзе меъёрҳо ва арзишҳо, вусъатёбии зиддиятҳои ҳаёти маънавӣ, ба таври кофӣ ташаккул наёфтани низоми арзишҳои ахлоқӣ ба рафтору кирдори насли наврас бетаъсир нест. Сатҳи нокифояи таҷрибаи зиндагӣ, паст будани донишҳои дунявӣ ва динӣ, коҳиш ёфтани нақши оила ва муассисаи таълимӣ боиси гаравидани насли наврас ба сӯи тамоюлҳову равандҳои номатлуби иртиҷоӣ мегардад.

Боиси нигаронист, ки дар илми педагогика, махсусан дар доираи таҳқиқоти ватанӣ, масъалаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар раванди омӯзиши таърихи халқи тоҷик то ба имрӯз дар шакли ҳамаҷониба ва таҳлилӣ коркард нашудааст. Ин холигии назариявӣ ва амалӣ, муҳаққиқро водор сохтааст, ки мавзуи мазкурро ҳамчун самти мустақили таҳқиқотӣ интихоб намояд ва ба таҳияи асосҳои илмӣ-методии он иқдом кунад.

Аз ин рӯ, рисолаи номзадии Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи “Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик” таҳқиқоти ҷомеъ роҷеъ ба пажуҳиши ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 ба шумор рафта, дар соҳаи педагогикаи муосири тоҷик бо чунин вусъати назар ва густурдагӣ ба анҷом расидааст.

**Дараҷаи навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия**

**бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир меёбад, ки аз ҷониби Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло муаммои ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ошкор карда шуда, - бори аввал масъалаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ба таври махсуси илмӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтааст; - мазмуни мафҳумҳои «салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатӣ» дар заминаи таълими фанни таърих дақиқ гардида, сохтор ва ҷузъиёти таркибии он (компонентҳо: донишӣ, маърифатӣ, арзишӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ) муайян карда шудааст; - модели педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик таҳия гардида, заминаи амалӣ барои татбиқи он пешниҳод шудааст; - шартҳо ва механизмҳои педагогию психологӣ-и самараноки ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар синфҳои болоӣ муайян ва асоснок гардидаанд; - маҷмӯи усулҳои эмпирикӣ барои ташхис, арзёбӣ ва рушди ин салоҳиятҳо дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мутобиқ ва такмил дода шудаанд; - меъёрҳои баҳодиҳии рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ таҳия ва дар озмоиши амалӣ санҷида шудаанд.

Аз ҷониби диссертант дар шароити муосири иҷтимоию фарҳангӣ ҷанбаҳои педагогии ташаккул ва рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик асоснок карда шуда, аввалин маротиба роҳ, восита ва усуслҳои ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик муайян карда шудааст.

**Муҳимтарин нуктаҳои илмие, ки муаллиф ба ҳимоя пешниҳод намудааст, инҳоянд:**

1. Ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар заминаи методологӣ ва назариявӣ асоснок мегардад.

2. Омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар асоси равиши салоҳиятмеҳвар шароити рушди малакаи таҳлилӣ ва қобилияти иттилоотии хонандагонро фароҳам меорад.

3. Ҷанбаҳои психологӣ ва педагогӣ дар инкишофи салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон нақши калидӣ доранд.

4. Модели пешниҳодшудаи ташаккули салоҳиятнокӣ дар шароити озмоишӣ самаранокии худро нишон додааст.

Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда оид ба ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик самти нави илмии назария ва методикаи таълиму тарбия маҳсуб ёфта, аз ҷониби субъектони таълим дар тарҳрезии муҳтавои таълиму тарбия метавонад бомуваффақият татбиқ карда шавад.

**Эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаҳою тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодгардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишию таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳодгардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертант чунин ақида дорад, ки иқтидори ҳамаҷонибаи воситаҳои ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон, пеш аз ҳама дар захираҳои маънавию ахлоқии фанни таърихи халқи тоҷик маҳфуз аст. Равандҳои ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар шароити муосир омӯзиши тамоми восита ва

усулҳои педагогиро, ки ба ташаккули шахсият таъсир мерасонанд, тақозо менамояд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, фаслҳо, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар **муқаддима** мубрамии муаммои таҳқиқшаванда асоснок гардида, объект, предмет, ҳадаф, фарзия, вазифаҳои он муайян шудаанд. Асосҳои методологӣ, марҳилаҳо ва усулҳои таҳқиқот муайян шуда, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд.

**Боби якум «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули тавоноии маърифатии хонандагони синфҳои 10-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик»** унвон дошта, дар он моҳияти педагогии ташаккули тавоноии маърифатии хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ мегардад. Ҷанбаҳои гуногуни мафҳуми салоҳият, салоҳиятҳои иттилоотию маърифатӣ ва нақши онҳо дар таълиму тарбия асоснок карда мешаванд. Таълими фанни «Таърихи халқи тоҷик» ҳамчун воситаи муҳим барои ташаккули тафаккури интиқодӣ, худшиносии миллӣ ва ҷаҳонбинии шаҳрвандӣ арзёбӣ мегардад. Дар ин боб дисертант қайд намудааст, ки салоҳияти таърихӣ танҳо азхудкунии донишҳои воқеаҳо ва санаҳои таърихӣ набуда, балки қобилияти хонандагон дар таҳлили мантиқии воқеаҳо, арзёбии падидаҳои иҷтимоӣ ва баровардани хулосаҳои мустақилро дар бар мегирад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар синфҳои 10–11 имкониятҳои васеъ барои ташаккули тафаккури интиқодӣ, ҷаҳонбинии васеъ ва худшиносии миллӣ фароҳам меорад. Дар ҳамин замина таърих на танҳо маҷмуи рӯйдодҳои гузашта, балки воситаи тарбияи шахсияти масъулиятшинос ва фаъол дар ҷомеа арзёбӣ мешавад.

Диссертант дар зербоби дуюми ин боб аҳамияти стандарт, барнома ва китобҳои дарсиро дар ташаккули маданияти башардӯстонаи хонандагон таъкид намуда, зарурати мутобиқсозии онҳоро ба талаботи педагогикаи муосир ва ҷомеаи иттилоотӣ асоснок месозад.

Аз ҷониби муаллиф дар доираи зербоби сеюми боби мазкур зарурати ба роҳ мондани таълим бо усулҳои замонавӣ, истифодаи муҳити ҳавасмандкунанда ва методикаҳои интерактивӣ асоснок донista мешавад, то шароити шаклгирии ҷаҳонбинии шаҳрвандӣ, масъулиятшиносӣ ва ватандӯстӣ фароҳам гардад.

**Боби дуюми рисола, ки "Ҷараёни педагогӣ-психологии ташаккули тавоноии маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди ҷаҳонишавӣ"** номгузорӣ шудааст, ба таҳлили шарту шароит ва омилҳое бахшида шудааст, ки ба ташаккули салоҳиятҳои маърифатӣ таъсир мерасонанд. Дар ин замина аз ҷониби муаллифи диссертатсия шароитҳои педагогӣ, омилҳои муҳитӣ ва тарбиявӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, нақши фанни «Таърихи халқи тоҷик» ҳамчун воситаи калидӣ барои ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатӣ асоснок мегардад. Муаллиф таъкид менамояд, ки омӯзиши таърих яке аз самтҳои муҳими таълим шароит фароҳам меорад, ки ҷаҳонбинии миллӣ ва тафаккури интиқодии хонандагон рушд ёбад. Дар зербоби дуюми боб нишон дода мешавад, ки таълими таърихи халқи тоҷик бо мазмун ва усулҳои худ метавонад шароити мусоид барои рушди худшиносии миллӣ ва ҳувияти фарҳангӣ муҳайё созад. Ин раванд дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад, зеро таърихи миллӣ воситаи ҳифз ва таҳкими ҳувият, ҳамзамон василаи мутобиқшавӣ ба муҳити мураккаби иҷтимоиву фарҳангӣ мебошад. Аз ҷониби диссертант дар зербоби сеюми боби мазкур зарурати ба эътибор гирифтани омилҳои объективӣ ва субъективӣ нишон дода мешавад. Ин омилҳо ҳамчун заминаи асосии ташаккули салоҳиятҳои таърихии хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ арзёбӣ мегарданд.

**Дар боби 3-ми диссертатсия, ки “Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои умумифаннӣ ва фаннӣ, мавзуӣ дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик”** унвон дорад, ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатӣ дар шароити таҷрибаомӯзии педагогӣ ва санҷиши амалии натиҷаҳои тадқиқот баррасӣ шудааст. Дар он тарҳи таҷрибавӣ, марҳилаҳои баргузории таҷриба, усулҳои истифодаи фанни «Таърихи халқи тоҷик» барои ташаккули тафаккури интиқодӣ ва худшиносии миллӣ шарҳ дода мешаванд. Натиҷаҳои бадастомада бо нишондиҳандаҳои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон муқоиса гардида, самаранокии усулҳои пешниҳодшуда асоснок мегардад.

Дар зербоби аввали ин боб муаллиф муайян менамояд, ки фанни таърихи халқи тоҷик дар синфҳои болоӣ на танҳо воситаи интиқоли дониш, балки муҳити фарогири ташаккули салоҳиятҳои маърифатӣ, иҷтимоӣ ва арзишӣ ба ҳисоб меравад, ки барои омодагии минбаъдаи хонандагон ба таҳсилоти олӣ ва фаъолияти мустақилона аҳамияти калидӣ доранд.

Дар зербоби дуюми боби мазкур нақши шаклҳои фаъоли дарсҳо муфассал нишон дода мешавад: лексияи проблемавӣ (баҳрабардорӣ аз вазъиятҳои мушкилотӣ), лексияи визуалӣ (ҳамоҳангии калима ва тасвир), лексияи дунафара (муколамаи илмӣ), лексияҳои пешакӣ бароиислоҳи хатогиҳо; инчунин семинарҳо, баҳсу мунозираҳо, «мизи мудаввар», тренингҳои коммуникативӣ ва бозӣ (аз ҷумла «муҳорибаи зеҳнӣ» ва вариантҳои он). «Таълим дар ҳамкорӣ» ҳамчун модел тарҳрезӣ мегардад, ки вобастагии мақсад, ахбор ва ҳавасмандгардониро таъмин намуда, масъулияти инфиродӣ ва дастаҷамъиро ҳамбаста месозад. Методи лоиҳавӣ ва кейс, ҳамроҳ бо истифодаи ТИК, ба тарҳрезӣ, ҷустуҷӯ ва ҳалли мустақили масъалаҳо мусоидат карда, салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ ва коммуникативиро густариш медиҳанд.

Дар зербоби сеюми боби мазкур корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик баррасӣ гардидааст.

Таҳлили зербоби мазкур маълум менамояд, ки корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ № 82 ш. Душанбе, МТМУ № 7, № 12 ва № 177 н. Рӯдакӣ) бо иштироки 300 хонанда ва 42 омӯзгор гузаронида шудааст. Озмоиш тамоми марҳилаҳои ташхисӣ, ташаккулдиҳӣ ва назоратиро фаро гирифта, ҳадафаш санҷиши имконниятҳои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар раванди омӯзиши фанни «Таърихи халқи тоҷик» зери таъсири шароитҳои педагогӣ ва усулҳои фаъоли таълим буд.

Қобили қайд аст, ки яке аз ҷанбаҳои мусбии таҳқиқоти мазкур ташкили озмоиши педагогӣ ва тавсифи натиҷаҳои он аз ҷониби диссертант маҳсуб меёбад. Эътимоднокии натиҷаи ҳар як озмоиши гузаронидашуда бо методҳои оморӣ санҷида шудааст.

Дар охири ҳар як боб ва фаслҳои он муаллифи диссертатсия хулосаи худро оид ба андешаҳои иброзгардида овардааст.

Дар хулосаи умумӣ натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, тавсияҳо оиди амалӣ гардидани онҳо оварда шудаанд.

Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводҳои назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба дарки мавқеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва фаҳмидани ғояи асосие, ки ҳамчун пояи базавии коркарди консепсияи педагогии муаллиф гузошта шудааст, имконият медиҳад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки муқаррароти таҳқиқот барои ҷустуҷӯҳои илмии минбаъда дар соҳаи баланд бардоштани ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик, ҳамчунин дарёфти

методҳо, воситаҳои таълиму тарбия ҳамчун асоси назариявӣ хизмат карда метавонанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки: -модели озмоишии ташаккули салоҳиятҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити воқеӣ санҷида шудааст; - усулҳо, шаклҳо ва технологияҳои таълимӣ, ки барои баланд бардоштани сатҳи иттилоотӣ-маърифатии хонандагон самаранок арзёбӣ шудаанд, метавонанд дар амалияи омӯзиши таърихи халқи тоҷик васеъ истифода гарданд; - меъёрҳо ва индикаторҳои арзёбӣ барои ташаккули салоҳиятнокӣ тарҳрезӣ ва санҷида шудаанд, ки метавонанд ҳамчун абзори ташхис ва назорат дар муассисаҳои таълимӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои омӯзгорон, методистҳо, таҳиягарони барнома ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҳамчун заминаи амалии рушди сифати таълим истифода шаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 мақолаи илмӣ, ки дар маҷмӯаҳои корҳои илмӣ, дар маводи конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Эроду тавсияҳо оид ба диссертатсия**. Бо баробари вуҷуд доштани натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои илмии назаррас, ки маҳсули фаъолияти пурсамари муаллифи рисолаи мазкур аст, дар рисола баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба мушоҳида мерасад, ки ба эътибор гирифтани он ба андешаи мо, барои боз ҳам баланд бардоштани сифати рисола кӯмак мерасонад:

1. Хуб мешуд, ки диссертант бо баробари дастовардҳои ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар баъзе маврид, дар бораи

мушкилиҳо ва муаммоҳое, ки дар ин раванд дучор мешуданд маълумот дода, оиди роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо тавсияҳои мушахасс медод.

2. Таҳлили хулосаҳои бобҳо ва хулосаи умумӣ ба андешае меоранд, ки тавсияҳои амалӣ асосан умумӣ ва назариявӣ мебошанд, ки барои мутахассисони соҳа (педагогон) то андозае мубраманд. Хуб мешавад, ки тавсияҳо бо мисолҳои мушаххас ва роҳнамоии амалӣ пешниҳод шаванд.

3. Усули навишти номи муаллифон ва танзими феҳристи адабиёт эҳтиёҷ ба таҷдиди назар дорад. Пешниҳод мешавад, ки феҳристи адабиёт бо риояи меъёрҳои ягонаи академӣ ва стандарти байналмилалӣ мутобиқат гардад.

4. Дар матн хатоҳои имловӣ ва китобатӣ ба назар мерасанд, ки ба сифати кори илмӣ таъсир мерасонанд. Ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳанд кард.

Нуктаҳои баёншуда танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назарӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро коҳиш намедиҳанд.

Дар умум, муаллифи рисола Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намуда, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтааст ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф пурра инъикос мекунанд.

## ХУЛОСА

Дар хулоса қайд кардан ҷоиз аст, ки диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи "Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва

методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05-Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) рисолаи ба анҷомрасидаи тахассусӣ буда, дар сатҳи баланди илмӣ омода шудааст ва ба талаботу меъёрҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 ва бо тағйиру иловаҳо тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррizи расмӣ,** доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва
касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров — Шаропов Шавкат Аҳмадович

12.01. 2026с.

Маълумот барои тамос: 735700. Ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1; Тел.+992 92-771-78-70. Почтаи электронӣ: sharofzod1954@mail.ru.

*Имзои Ш.А. Шароповро тасдиқ мекунам.*

*Сардори РК ва КМ-и МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров”* — *Сайдуллозода З.С.*